«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара н.и.т., д.и.п.
__________Шохиён Н. Н.
«_13_»_____11_______с 2022

**Хулосаи**

Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи таърихи умумӣ Раҳимзода Қурбоналӣ Назар «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)

Диссертатсия дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» дар кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) иҷро шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 18.10.2022, №3 гузаронида шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” иртибот дошта, масоили ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII мавриди баррасӣ қарор дода

шудааст. Аз ҷумлаи навгониҳои асосии диссертатсия таҳқиқи ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII ва муайян намудани дастовардҳои муҳимми соҳаҳои табиатшиносӣ, риёзиёт ва фалсафа дар ин доира мебошад.

Боиси зикри хос аст, ки дар шароити имрӯза, ки ҷавонону наврасон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ пайваст мегарданд, ки яке аз сабабҳои гаравиш ба ҳизбу ҳаракатҳо ин ноогоҳии ҷавонону наврасон аз таърихи пурифтихори миллати тоҷик маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мавзуи баррасишаванда ба мавзуи муҳими илмӣ бахшида шуда, дар ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии мардуми тоҷик, махсусан, табақаи ҷавону наврас заминаи созгор фароҳам меоварад

Таҳқиқоти илмӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи яке аз мавзуъҳои ниҳоят зарурӣ дар шароити имрӯза, бахшида шудааст. Аз ин ҷиҳат дар маркази мавзуъ, пеш аз ҳама, омӯзиш ва таҳқиқи таърихи асримиёнагии халқи тоҷик ва риштаҳои гуногуни илмҳои он давра, ки тавассути заҳмати донишмандони тоҷик ва осори офаридаи онҳо инкишоф ёфтааст, равона мегардад.

Бояд гуфт, ки дар асрҳои XI-XII низ риштаҳои гуногуни илм маҳз тавассути заҳмати донишмандони тоҷик ва осори офаридаи онҳо давраи нашъунамои худро сипарӣ менамуд. Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар нуктаҳои зерин таҷассум меёбад:

1. Ба авҷи аъло тараққӣ ёфтани илмҳои дақиқ, бахусус нуҷум (астрономия) ва риёзиёт (математика), тавассути осори Кушёри Гелонӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Аҳмади Касравӣ, Шарофуддин Муҳаммади Бухороӣ ва дигарон.

2. Идомаи тараққиёти илми тиб то дараҷае, ки аз чаҳор тан бузургтарин пизишкони ҷаҳони асримиёнагӣ, ки ҳамаи онҳо тоҷик буданд, Абуалӣ ибни Сино ва Исмоили Ҷузҷонӣ дар давраи мавриди назари мо зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

3. Рушди илмҳои фалсафа тавассути донишмандони бузурге чун Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммади Ғаззолӣ, Носири Хусрав, Ибни Мискавайҳ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Шаҳобуддини Сухравардӣ, Фахруддини Розӣ ва ғайра.

4. Вусъат ёфтани таърихнависӣ дар дарбори ҳокимони асрҳои XI-XII. Чунки ҳамаи подшоҳон мехостанд бартарӣ ва шукӯҳу азамати худ ва хонадони худро нишон диҳанд.

5. Аз ватани аслии худ, яъне Хуросони бузург берун баромадани забони порсии тоҷикӣ ва густариши он то Осиёи Сағир ва сарзамини Ҳинд ва ба забони байналмилалӣ табдил ёфтани он.

6. Густариш пайдо намудани адабиёти порсии тоҷикӣ.

7. Маъмул гардидани истифодаи вожаи «тоҷик» ибтидо дар шакли «тозик» дар муқобили вожаи «турк»

8. Пайдо гардидании доираҳои бузурги илмию адабӣ дар пойтахтҳои давлатҳои мавҷуд дар асрҳои XI-XII.

9. Маҳз дар асрҳои XI-XII бузургтарин осори тиббию фалсафии донишмандони тоҷик, бахусус Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино ба Аврупо сар даровarда, ибтидо ба забони лотинӣ, баъдан ба дигар забонҳои асосии аврупоӣ тарҷума гардида, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд.

10. Шуҳрати олимони давраи мавриди назари мо то ҷое расида, ки донишманди маъруфи амрикоӣ Ҷорҷ Сартон асри ёздаҳро асри Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём номидааст.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия маълум гардид, ки дар кор як қатор навовариҳои илмии таҳқиқот мавҷуд мебошад:**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, муқаррароти зерини илмӣ низ навгониҳои таҳқиқотро ташкил медиҳанд:

– асарҳои дорои аҳамияти муҳими илмӣ доштаи олимони соҳаи илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ таҳлил шудаанд;

– муҳимтарин асарҳои донишмандони соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносии асрҳои XI-XII мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

– бархе аз асарҳои чопнашудаи донишмандони ин давра ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд;

– ба корҳои илмии анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниву хориҷие, ки ба мавзуи таҳқиқшаванда марбутанд, баҳои илмӣ дода шудааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ нигориш ёфта, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯй аст. Автореферат ва 12 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 адад дар дигар маҷалаҳои илмӣ интишор гардидаанд:

## ИНТИШОРОТИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] Раҳимзода Қ.Н. Инъикоси таърихи ҷаҳон дар осори муаррихони асрҳои XI-XII тоҷик // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 7. Душанбе, 2020. – С. 130-133.

[2-М] Раҳимзода Қ.Н. Осори илмии Умари Хайём // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, №5(88). Душанбе, 2020. – С. 274-279.

[3-М] Раҳимзода Қ.Н. Саҳми донишмандони тоҷик дар рушди астрономияи асрҳои XI-XII. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 5. Душанбе, 2021. – С. 60-69.

[4-М] Раҳимзода Қ.Н. Давраи таҳаввулот дар таърихи фалсафаи тоҷик // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, №3 (92). Душанбе, 2021. – С. 263-268.

[5-М] Расулиён Қ.Р., Раҳимзода Қ.Н. Густариши доираи забон ва адабӣ форс-тоҷик дар асрҳои XI-XII // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 5. Душанбе, 2022. – С. 44-54.

[6-М] Раҳимзода Қ.Н., Расулиён Қ.Р., Шамсудинов Ф.М. Нақши Умари Хайём дар рушди илми математика ва астрономия. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. № 2/4 (105). Бохтар. 2022. – С. 112-116.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд**

[7-М] Самадов С., Раҳимзода Қ.Н. Рушди тиҷорат ва косибӣ дар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои миёна.Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 1 (1). Душанбе, 2021. – С. 186-192.

[8-М] Раҳимзода Қ.Н. Аз ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии олимон ва мутафакирони точик дар асрҳои XI-XIII . Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 2 (2). Душанбе, 2021. – С. 139-143.

[9-М] Раҳимзода Қ.Н. Муродов А Ташаккули тибби тоҷик дар асрҳои миёна ва нақши барҷастаи Абуалӣ ибни Сино дар он. Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 3 (3). Душанбе, 2021. – С. 146-152.

[10-М] Раҳимзода Қ.Н. Ибни Надим ва «Феҳрист»-и ӯ. Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 3 (3). Душанбе, 2021. – С. 164-171.

[11-М] Раҳимзода Қ.Н. Вазъи таърихнигории тоҷикон аз сукути Сомониёт то ҳамлаи муғул. Мақолоти таърихи (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). Душанбе “Шоҳин-С”, 2022. – С. 120-135.

[12-М] Раҳимзода Қ.Н. Саҳми донишмандони точик дар пешрафти илми тибби асримиёнаги XI-XII. Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир”. Душанбе, 2022. – С. 192-200.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Данғара мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Рисола дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи умумии факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара барраси гардида, барои баррасии сатҳи болоӣ пешниҳод шудааст. Аз рӯи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ 12 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шуда, 6 фишурдаи мақолаҳо дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ва маводи конференсияҳо чоп гардидаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқотро ҳангоми навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, дар мавриди баррасӣ ва таҳқиқи ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII метавон истифода намуд. Аз диссертатсия муҳаққиқон зимни навишти мақолаҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дастурҳои методӣ метавонанд истифода баранд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оиди барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» ба талабот ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-061 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 13.12.2022, №5 қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» – 11 нафар;

«муқобил» – нест;

«бетараф» – нест.

Протоколи № 5, аз 13-уми декабри соли 2022.

**Раисикунанда:** раиси Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара, н.и.ҳ., д.и.с дотсент Қозиён Ш.Қ.

**Ташхисгарон:**

Номзади илмҳои таърих, муовини декан оид ба корҳои илмии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Умаров А.Қ.

Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” Садриддини А.

**Котиби ҷаласа:**

Котиби Шурои олимони факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ Аҷиков А

Имзои Қозиён Ш.Қ., Аҷиков А-ро
тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷабборӣ Н.Ҷ.

Имзои номзади илмҳои таърих,
Умаров А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати корҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Имзои номзади илмҳои таърих,
Садриддин А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ ДДБ ба номи
Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Нишонӣ: 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail: dddangara_2013@mail.ru